**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ __________
«__3__» ______03______ соли 2023

# ХУЛОСАИ
## Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна таҳти унвони «Поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ)

Диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна таҳти унвони «Поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Элбоев Вафо Ҷӯрақулович - доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 26.12.2014, таҳти қарори № 5/4-1 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода аз 20-уми январи соли 2023 №5/1, мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Шурои олимони факултети филологияи тоҷик диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновнаро таҳти унвони «Поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) бо ширкати муқарризон – доктори илмҳои филологӣ,

профессор Исрофилниё Ш.Р., номзади илми филология, дотсент Турсунов Ғ.А. баррасӣ ва муҳокима намуд. Аввалан, профессор Исрофилниё Шарифмурод баромад намуда, қайд кард, ки мавзуъ дар даҳ банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар ҳашт банди мушаххас баён гардидаанд, ки моҳияти бобҳову фаслҳои онро комилан дуруст истифода карда метавонад. Муаллиф аз сарчашмаҳои зиёди бачопрасидаи достони "Юсуф ва Зулайхо-"и Абдурраҳмони Ҷомӣ, маводи маҷаллаҳои илмӣ, феҳристҳо ва фарҳангҳо ба хубӣ истифода кардааст, ки ин нуктаҳо аз баҳсҳо ва радду бадали андешаҳо ба хубӣ муайян мегардад.

Дотсент Ғолиб Турсунов низ тавассути тақризи хеш таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро мусбат арзёбӣ намуда, доир ба саҳми унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзуъ ибрози андеша намуд.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон – доктори илмҳои филологӣ, профессор Исрофилниё Ш.Р. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Турсунов Ғ.А. ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи тоҷик таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, чунин арзёбӣ намуд:

Дар диссертатсия сарчашмаҳои асосии достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ муайян гардида, нусхашиносӣ ва шарҳнигорӣ ба достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ таҳқиқ шуда, образҳои асосии достон таҳлил ва ҷойгоҳи фоҷеа дар достон мавриди баррасӣ қарор гирифта, инчунин, масъалаҳои мундариҷа, сохти композитсионӣ, афкори адабии шоир дар асар, ҳунари шоир дар тасвирсозӣ, мавқеи санъатҳои бадеӣ, забон, мақоми унсурҳои мусиқӣ, табиат, мунозира ва паёмҳои ахлоқӣ дар достон таҳлилу таҷзия гардидааст, ки навгониҳои илмии таҳқиқот маҳсуб меёбанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмон ибни Низомиддин Аҳмад ибни Шамсиддин Муҳаммади Ҷомӣ (7 ноябри 1414 - 9 ноябри 1492-и милодӣ) яке аз бузургтарин шоир, адиб ва донишманди улуми адабиву динӣ дар таърихи илму фарҳанги форсии тоҷикӣ дар асри XV шинохта шудааст. Асарҳои бадеии Ҷомӣ девонҳои сегона - "Фотиҳат-уш-шубоб", "Воситат-ул-икд", "Хотимат-ул-ҳаёт", достонҳои "Ҳафт авранг" ва "Баҳористон" аҳамияти бузурги адабӣ-зебоишиносӣ доранд.

Аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда ва мубрамияти он дар он нуктаҳо ифода мегардад, ки масъалаҳои поэтикаи асар дар ҳамбастагӣ бо сохтор, манбаъҳо, сарчашмаи достон, нусхашиносӣ ва шарҳнависӣ ба он ва образҳо таҳлилу баррасӣ карда мешаванд.

Моҳияти мавзуи таҳқиқшавандаро инчунин масъалаҳои ҷойгоҳи фоҷиа дар достон, афкори адабии шоир, ҳунари шоир дар офаридани достон, мақоми унсурҳои мусиқӣ, тасвири унсурҳои табиат дар достон ва ғайра низ бозгӯй мекунанд ва аз аҳамияти баланди илмӣ бархурдоранд. Таҳқиқи масъалаҳои баёнгардида фазои пажуҳиши мукаммали достонро муайян мекунад ва нақши мусаннифи онро дар баёни гуфтораш, ҳунари шоирияш, навҷӯиву навгӯиҳояш ба таври пурра равшан менамояд.

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии таълифи диссертатсия таҳқиқу баррасии поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Ҷомӣ ба ҳисоб меравад, ки аз баррасии масъалаҳои таҳқиқи сарчашмаҳои достон, пажуҳиши мухтаво, сюжет, образҳо, ҷойгоҳи фоҷиа, ҳунари шоир дар достонсароӣ, мавқеи санъатҳои бадеӣ, забон ва баёни шоир, мақоми унсурҳои мусиқӣ, табиат ва унсурҳои муколама дар достони мавриди иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои расидан ба ҳадафҳои меҳварии таҳқиқот бозгӯии як қатор масъалаҳои дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва амаливу таҳлилӣ дар робитаи байниҳамдигарӣ ба таври муназзам ҳал карда мешаванд, ки дар маҷмуъ фазои поэтикии достонро ташкил медиҳанд:

- Таҳқиқи масъалаи достонсароӣ дар асри XV ва ҷойгоҳи маснавиҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ин давра.
- Пажуҳиш дар масъалаи ҷомишиносӣ дар Тоҷикистон.
- Таҳлили сарчашмаҳои достони "Юсуф ва Зулайхо".
- Таҳқиқи нусхашиносӣ ва шарҳнигорӣ бар достон.
- Омӯзиши масъалаҳои сохти композитсионӣ (устухонбандӣ) ва таҳлили образҳои достон.
- Пажуҳиши масъалаҳои бадеияти достон.
- Нишон додани ҷойгоҳи фоҷиа дар достон.
- Таҳқиқу баррасии афкори адабии шоир дар достон.
- Ошкор намудани ҳунари шоир дар офаридани достон, тасвирофаринӣ ва маъниофаринӣ.
- Таҳқиқ дар истифодаи санъатҳои бадеӣ ва забони достон.
- Муқаррар намудани мақоми унсурҳои мусиқӣ, табиат, мунозира ва паёмҳои ахлоқӣ ҳамчун хатти ҳунарӣ дар достон.

Адабиёти марҳилаи классикӣ, достонҳои ҳамноми дар ин мавзуъ то рӯзгори Ҷомӣ эҷодшуда, осори адабии шоир, маводи тазкираҳову асарҳои адабиётшиносӣ ва осори назарии ба анвои адабӣ бахшидашуда мебошад.

Мавзуи асосии таҳқиқот “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” ба ҳисоб рафта, зимни он масъалаҳои достоннависӣ дар асри XV, нусхашиносӣ, шарҳнигорӣ, сарчашмаҳо, сохти композитсионӣ, таҳлили образҳо, ҷойгоҳи фоҷиа, афкори адабии шоир, ҳунари шоир дар тасвирсозӣ ва маъниофаринӣ, истифодаи санъатҳои бадеӣ, забони достон, ҷойгоҳи унсурҳои мусиқӣ, табиат, мунозира ва хоббинӣ ҳамчун хатти ҳунарӣ дар достон, дар нашрҳои гуногуни он (нашри З.Аҳрорӣ, Душанбе, 1964, 1988, 2014), (нашри Ҳусайн Аҳмади Тарбият, Москва, 1984) ва (нашри А.Афсаҳзод ва Ҳусайн Аҳмади Тарбият, Теҳрон, 1999) муайяну баррасӣ шудаанд.

Асосҳои назарии диссертатсия ба дастовардҳои илмии донишмандони адабиётшинос ва шарқшиноси ватаниву хориҷӣ, ба монанди Е.Э.Бертелс, И.С.Брагинский, М.Б.Пиатровский, Ч.Стори, С Нафисӣ, З.Сафо, А.Хайёмпур, Х.Мирзозода, А.Афсаҳзод, Х.Шарипов, А.Сатторов, С.Амирқулов, А.Зуҳуриддинов, А.Қулиев, А.Насриддинов, У.Ғаффорова, В.Элбоев, Ф.Насриддинов бунёд ёфтааст.

Таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили назарӣ ва амалӣ, таҳлили оморӣ, муқоисавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-татбиқӣ анҷом дода шуда, дар мавридҳои зарурӣ аз методҳои шарҳу тавзеҳ ва матншиносии осори адабӣ низ истифода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсия бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик масъалаҳои марбут ба поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Ҷомӣ дар доираи як асари мустақил мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, баҳсу баррасии масъалаҳои манбаъ, нусхашиносӣ, шарҳнависӣ, сохти композитсионӣ, ҷойгоҳи фоҷиа дар достон, масъалҳои афкори адабии шоир дар асар, ҳунари шоир дар тасвирсозӣ ва маъниофарӣ, мавқеи санъатҳои бадеӣ, забон, мақоми унсурҳои мусиқӣ, табиат, мунозира ва паёми шоирона дар достон мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Муҳаққиқ бори нахуст поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, аз ҷумла масъалаҳои достоннависӣ дар асри XV, нусхашиносӣ, шарҳнигорӣ, сарчашмаҳо, сохти композитсионӣ, таҳлили образҳо, поэтика, ҷойгоҳи фоҷиа, афкори адабии шоир, ҳунари шоир дар тасвирсозӣ ва маъниофаринӣ, истифодаи санъатҳои бадеӣ, забони достон, ҷойгоҳи унсурҳои мусиқӣ, табиат, мунозира ва хоббиниро

ҳамчун хатти ҳунарӣ дар достон мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Пажуҳиш дар заминаи баррасии маводи соҳаи илмҳои адабиётшиносӣ ва бахшҳои он, махсусан, таърихи адабиёти асри XV анҷом ёфта, дар он масоили зиёди ин давраи таърихи адабиёт, аз ҷумла вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ, илмию фарҳангии Хуросон (сулолаи Темуриён), таъсири замон ба рӯзгори Абдурраҳмони Ҷомӣ, таркиби достон ва нашрҳои он, сохт ва устухонбандии достон, баҳру авзон, қофия, радиф, забон, сабки баёну вижагиҳои он ва истифодаи санъатҳои бадеӣ таҳқику баррасӣ шудаанд, ки ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мутобиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, автореферати он низ ба талабот ҷавобгӯ аст. Диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқшуда 15 мақола, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

**Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**


[1-М].Ширинова Б.Б. “Дараҷаи омӯзиши ҳаёту фаъолияти Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] /Б.Б. Ширинова //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015 . – №4/5(174). – С.242-247.

[2-М].Ширинова Б.Б. “Юсуф ва Зулайхо” дар Инҷил ва Қуръон [Матн] /Б.Б.Ширинова //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Бахши илмҳои филологӣ. Душанбе, 2015 . – №4/10(187). – С.204-211.

[3-М]. Ширинова Б.Таҳлили муқоисавии қиссаи Юсуф паёмбар дар Инҷил, Қуръон ва достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] /Б.Б. Ширинова //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. –Душанбе, 2015. – №6 (67). – С.207-211.

[4-М].Ширинова Б.Б. “Чанд акидаи ахлоқию педагогии Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн] /Б.Б. Ширинова // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф.Педагогика ва психология. –

Душанбе, 2018 . – №1,2018 (21). – С.45-48

[5-М]. Ширинова Б.Б.Манбаъҳои достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] /Б.Б. Ширинова //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. –Душанбе, 2020. – №3 (86). – С.116-120.

[6-М].Ширинова Б.Б. Мавқеи санъатҳои бадеӣ дар достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн] /Б.Б. Ширинова //Паёми Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих). –Душанбе, 2021. – №3(43). – С.118-123.

[7-М].Ширинова Б.Б. Афкори адабии Ҷомӣ дар достони “Юсуф ва Зулайхо” /Б.Б. Ширинова //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. –Душанбе, 2021. – №5 (94). –С.146-148.

[8-М].Ширинова Б.Б. Забон ва сабки Ҷомӣ дар достони “Юсуф ва Зулайхо” [Матн] /Б.Б.Ширинова //Паёми Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих). – Душанбе, 2022.№1(45). – С.133-139.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1.Диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи «Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

2.Таҳқиқоти диссертатсионии Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи «Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) барои дифоъ ба

шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 28 феврали соли 2023 қабул гардидааст.

Дар маҷлис 14 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест.

Суратҷаласаи № 7/5-4, 28-уми феврали соли 2023

Раиси Шурои олимони
факултети филологияи
тоҷик, номзади илмҳои
филологӣ, дотсент Абдураҳимов Б.А.

Муқарризон:
Доктори илмҳои филологӣ,
профессор, ходими пешбари илми
Институти илмию тадқиқотии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исрофилниё Ш.Р.

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи
филологияи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубии
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Турсунов Ғ.А.

Котиби Шурои
олимони факултет Тоҷиддинзода П.

Имзоҳои Б.А. Абдураҳимов, Ш.Р.Исрофилниё, Ғ.А.Турсунов ва П.Тоҷиддинзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсус ДБЗХТ ба номи
Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003.
Сомона: www.ddzt.tj. E-mail : ddzt@ddzt.tj